**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________ Раҳмон Д.С.
«____» ________ с. 2022

# ХУЛОСАИ

**кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ доир ба диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Ҷаласаро мудири кафедраи фалсафаи ДДК ба номи А.Рӯдакӣ н.и.с., дотсент Абдуллоев Н.С. ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки имрӯз диссертатсияи докторанти PhD-и назди кафедра Камолов Шодмонҷон Валихоновичро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор хоҳем дод. Рисолаи докторант Камолов Ш.В.-ро ду доктори илм ва се дотсент мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд.

Сухан барои арзёбӣ ба докторант Камолов Ш.В. барои ибрози нуқтаҳои асосии диссертатсия дода мешавад. Докторант Камолов Ш.В. чунин маърӯза намуд:

Дар чоряки охири асри XX ва ибтидои асри XXI инсоният ба давраи нави рушди худ - марҳилаи бунёди ҷомеаи иттилоотӣ қадам ниҳодааст. Ҳамзамон, бо рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ба амал омадани инқилобҳои иттилоотӣ ва бо пайдоиш, гузариш ва диққати махсус ба ифодаи ҷомеаи иттилоотӣ, ки шиори асри мо гаштааст, мафҳуми иттилоот муҳаққиқони ҳама самтҳоро аз табиатшиносӣ то гуманитарӣ ба худ ҷалб намудааст. Олимон ва коршиносон муайян намудаанд, ки технологияҳои иттилоотии муосир ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ реша давонда, ба таври муттасил муҳити моро дигаргун месозанд. Афзоиши нақши соҳаи иттилоотӣ, роҳҳои автоматикунонии он ба бунёди компютерҳо, Интернет ва дар маҷмуъ ба иттилооткунонии тамоми ҷомеа ва дар навбати худ ба пайдоиши консепсияҳои фалсафӣ-иҷтимоӣ ва футурологии «ҷомеаи иттилоотӣ»-и имрӯза оварда расонидааст. Дар ин замина иттилоот ва хосиятҳои он объекти таҳқиқи як қатор соҳаҳои илм, монанди назарияи иттилоот (назарияи математикиии низомҳои таҳвили иттилоот); кибернетика (илм дар бораи идора ва алоқа дар мошинаҳою ҳайвонот, инчунин, ҷомеа ва

мавҷудоти инсонӣ); семиотика (илм дар бораи аломатҳо ва низомҳои аломатӣ); прагматика (назарияи таҳқиқи аксиологии иттилоот, арзиши он); назарияи иртиботи омма (таҳқиқи воситаҳои ахбори омма ва таъсири онҳо бо ҷомеа); информатика (омӯзиши равандҳои ҷамъоварӣ, табдилдиҳӣ, нигоҳдорӣ, ҳифз, ҷустуҷӯ ва таҳвили ҳама намуди иттилоот ва воситаҳои коркарди автоматикии онҳо), сотсионика (назарияи метаболизми иттилоотии равони фардӣ ва иҷтимоӣ); информадинамика (илм дар бораи низомҳои кушодаи иттилоотӣ) ва ғайра гардидааст.

Гуфтан мумкин аст, ки иттилоот ба мафҳуми калидии манзараи муосири илмии олам мубаддал гаштааст ва бе фаҳмиши моҳияти асосии он тасаввуроти мо нисбати воқеият ботил ва ғалат менамоянд.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳлили фалсафии равишҳои иттилоотӣ дар шаклҳои гуногуни зуҳуроташ дар ҳамаи соҳаҳои ҷомеа хеле мубрам аст. Одамон ҳангоми фаъолияти хеш бо низомҳои иттилоотӣ бо мушкилоти гуногун дучор мегарданд. Масалан, вожаи «иттилоот» ба таври интуитивӣ ба ҳар кас фаҳмост, аммо аксари одамон ҳангоми тавсиф ва фаҳмиши мафҳуми иттилоот ба мушкилиҳои зиёди методологӣ ва гносеологӣ дучор мегарданд. Зимнан ин мушкилиҳоро чӣ онҳое, ки дар технологияҳои муосири иттилоотӣ кам сарфаҳм мераванд ва чи онҳое, ки ҳамчун мутахассис ба иттилоот сару кор доранд, эҳсос менамоянд. То имрӯз асосҳои мукаммали ҳалли мушкилоте, ки истифодакунандагони низомҳои иттилоотӣ ҳангоми корбурд ба онҳо дучор меоянд, вуҷуд надорад. Ин мушкилот низ яке аз самти мубрами таҳқиқоти самти нави илм - фалсафаи иттилоотро ташкил медиҳад.

Яке аз масъалаҳои мубрами фалсафаи муосири иттилоотро гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ ба тавсифи мафҳуми иттилоот ташкил додааст. Олимон ва коршиносон ба сифати равишҳои асосии фалсафаи иттилоот консепсияҳои субстансионалӣ, атрибутивӣ ва функсионалиро ҷудо намудаанд, ки то ҳол баҳсу мунозираҳо байни онҳо идома дорад. Ин мушкилот яке аз ҳадафҳои таҳқиқи диссертатсиониро ташкил додааст.

Ҳаёти имрӯзаи инсонро бе иҳота ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ тасаввур намудан номумкин аст. Пас, саволе ба миён меояд, ки рушди босуръати техника ва технология, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ инсониятро дар оянда ба куҷо мебарад? Ё худ дар зери таъсири ин омил, инсон моҳияти биологии худро дар оянда нигоҳ дошта метавонад ё не? ва дигар саволҳо, ки то ҳол мутаассифона номуайян мондаанд. Таҳқиқу пажуҳиши саволҳои мазкур низ яке аз масъалаҳои калидии фалсафа ва илми муосирро ташкил додаанд. Ин ва дигар мушкилоте, ки дар раванди

омӯзиши фалсафаи иттилоот ба миён меоянд, мубрамии таҳқиқотро муайян мекунанд.

**Нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Муҳимтарин натиҷаҳое, ки навгонии илмии рисоларо муайян мекунанд, инҳоянд:

✓ дар доираи таҳлили таърихӣ-фалсафӣ муайян карда шудааст, ки мафҳуми иттилоот дар фалсафа аз давраҳои қадим истифода гардида, этимологияи он ба давраҳои ибтидоии рушди фалсафа рост меояд, гарчанде мафҳуми мазкур дертар пайдо гардидааст. Чунончӣ ба мафҳуми иттилоот монанд истилоҳи энтелехия (Entelechie; аз юн. en — «дар», telos — «мақсад» ва echein — «доштан; он чи ки дар худ мақсад, ҳадаф дорад») яке аз мафҳумҳои марказии фалсафаи Афлотун ва Арастуро ташкил додааст. Вожаи морфе – (morphe) – шакл (ғоя, фикр) ва ейдос (eidos) ғоя (идея), некӣ, ба шакл даровarданро маънидод карданд. Дар забони лотинӣ вожаи Informatio – маънои ифодакунандаи шарҳдиҳӣ, эҷоди фикр ва дастурдиҳиро додааст. Дар таълимоти фалсафии Ҳинд ва Чини қадим низ мафҳуми иттилоот шарҳ ва таҳқиқи худро ёфтааст. Муайян карда шудааст, ки фаҳмиши ибтидоии иттилоот ҳамчун таҳвили маълумот аз як инсон ба инсони дигар ва гурӯҳи одамон тавассути нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ то миёнаҳои қарни XX идома ёфтааст. Баъдан, аз солҳои 20-уми асри XX бо туфайли рушди низомҳои кибернетикӣ, телеграф ва дигар дастгоҳҳои технологӣ омӯзиши иттилоот дар доираи фалсафа ва дигар соҳаҳо сурат гирифта то имрӯз идома дорад;

✓ асоснок карда шудааст, ки яке аз масъалаҳои мубрами фалсафӣ-методологӣ дар илми муосир гурӯҳбандӣ ва банизомдарории равишҳои асосӣ дар тавсифи чунин падидаи бисёрмаъно – иттилоот мебошад. Ба сифати равишҳои асосии фалсафии иттилоот консепсияҳои субстансионалӣ, атрибутивӣ ва функсионалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар робита бо таносуби мафҳуми иттилоот бо дигар категорияҳои фалсафӣ ва илмӣ амалӣ гардонида шудааст;

✓ дар доираи фалсафаи иттилоот, антропологияи иттилоотӣ ва маълумоти илмӣ-табиӣ, таъсири рушди босуръати техника ва технологияҳои иттилоотӣ, прогресси илмӣ-техникии имрӯза ба таҳаввулоти ояндаи инсон дар фазои иттилоотии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ахлоқии ҷомеаи муосир мавриди баррасӣ қарор дода шудааст;

✓ оид ба мушкилот ва ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ таҳқиқот ба анҷом расонида шудааст. Аз диди ҷаҳонбинӣ, истилоҳи «иттилоот» воқеан мафҳуми бисёристифодашаванда, дорои мазмун ва маънои васеъ мебошад. Айни ҳол, мафҳуми мазкур на танҳо доира ва ҳудуди корбарии худро васеъ намудааст, балки мазмун ва мундариҷаи

чаҳонбинии худро низ дар чунин самтҳои илми муосир: информатикаи равоншиносӣ, фарҳангшиносии иттилоотӣ, антропологияи иттилоотӣ, этикаи иттилоотӣ, синергетика ва ғайра пурра намудааст;

✓ дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-гуманитарӣ масъалаи ташаккули чаҳонбинии нави иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун масъалаи мубрами рӯз асоснок карда шудааст. Чунонки таҷрибаи таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ҳар як ҷомеа бо гузашт аз як марҳила ба марҳилаи дигар, ҳамчунин, ҳар як насл ҳаводиси гузашта ва имрӯзаро ба таври гуногун дарк ва арзёбӣ менамояд. Аз ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имрӯз дар давраи гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва технологӣ қарор дорад, дар ин раванд барои он ташаккули чаҳонбинии нави иттилоотӣ мақоми калидиро ишғол менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, натиҷаҳои дастрасшуда дар коркарди асосҳои фалсафӣ ва методологии консепсияҳои иттилоотӣ ва ташаккули чаҳонбинии нави иттилоотӣ саҳми хешро мегузорад. Рисолаи таҳқиқотии пешниҳодшуда барои бунёди тасаввуроти амиқ дар бораи воқеияти иттилоотӣ, мушкилот, равияҳо ва зиддиятҳои гуногуни ҷойдошта дар ин ҷода мусоидат менамояд. Натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ метавонанд дар рушди минбаъдаи коркардҳо, инчунин, дар муайян намудани равишҳои фанҳои нави фалсафаи иттилоот ва информология истифода карда шаванд. Маводи таҳқиқотии дастрасшуда метавонад шаҳрвандони Тоҷикистон, аз ҷумла, ҷавононро аз таъсири ахбору иттилооти манфӣ ҳифз кунад. Инчунин, аҳамияти илмӣ-амалии рисолаи таҳқиқотӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълими фанҳои фалсафа, фалсафаи табиатшиносӣ, фалсафаи илм, фарҳангшиносӣ, антропология ва ғайра истифода кард.

Мазмун, муҳтаво ва натиҷаҳои илмии диссертатсия дар интишороти зерини муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон нашр шудаанд, инъикос ёфтааст:

1. Камолов Ш.В. Фалсафаи иттилоот ва чаҳонбинии муосири илмӣ [Матн] / Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2019. – №9. – С. 233-238. ISSN 2074-1847;
2. Камолов Ш.В. Таҳлили фалсафӣ ва умумиилмии мафҳуми иттилоот [Матн] / Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2019. – №10 (2). – С. 134-139. ISSN 2074-1847;
3. Камолов Ш.В. Информация как ключевое понятие в понимании современной научной картины мира [Текст] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов //

Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2020. – №7 – С. 152-156. ISSN 2074-1847;

4. Камолов Ш.В. Иттилоот ва таҳаввулот [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. –2021. – №8. – С. 139-144. ISSN 2074-1847;

5. Камолов Ш.В. Фаҳмиши мафҳуми таҳаввулотгароии универсалӣ дар манзараи муосири илмии олам [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов, А.С. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. – №2. – С. 101-107. ISSN 2074-1847;

6. Камолов Ш.В. Таъсири иттилоот ба таҳаввулоти ояндаи инсон [Матн] / М.О. Ибодов, Ш.В. Камолов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. – 2022. – №8. – С. 103-113. ISSN 2074-1847;

Рисола кори илмӣ-таҳқиқотии мустақилона иҷрошудаи муаллиф мебошад, докторант мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро дуруст муайян намуда, зимни таҳлили манбаъҳо, моҳирона интихоб намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои гузошташуда аз методҳои мувофиқ истифода бурдааст. Хулосаҳо ва натиҷаҳое, ки дар рисола ҷой доранд, натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи докторант мебошанд.

Муаллиф дар тасниф ва таҳқиқи ҷобаҷогузории мавод дар боби фаслҳо, коркарди маълумоти бадастомада ва таҳлили натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосабарориҳо бо сабки баёни фаҳмо ва мушаххас саҳм гузоштааст.

Диссертатсия ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини фалсафа ва илми муосир бахшида шуда, дар он генезиси таърихӣ-фалсафии мафҳуми иттилоот, шарҳи иттилоот дар доираи консепсия ва назарияҳои илмӣ, равишҳои асосӣ ба тавсифи мафҳуми иттилоот, тамоюлоти таҳаввулоти инсон дар шароити воқеияти иттилоотӣ, таносуби иттилоот ва дониш, ташаккули ҷаҳонбинии нави иттилоотӣ ва нақши он дар ташаккули маърифат ва ҷаҳонбинии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 6D020100 – Фалсафа мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯйи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Камолов Шодмонҷон Валихонович дар мавзуи: «Фалсафаи иттилоот ва ҷаҳонбинии муосири илмӣ» кори

илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки онро метавон барои даври дуюми экспертизаи муассиса пешниҳод намуд.

Дар маҷлис 23 иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳии кушода ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсии Камолов Ш.В. ба тариқи зайл сурат гирифт: «тарафдор» 23 - нафар, «муқобил», - нест, «бетараф» - нест.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ қабул (Протоколи №11/1 аз 10 июни соли 2022) карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи фалсафаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ н.и.с., дотсент: Абдуллоев Н.С.

Котиби илмӣ:
муаллими калон: Ҳасанов М.М.

Имзои мудири кафедраи фалсафа,
н.и.с., дотсент Абдуллоев Н. ва
Ҳасанов М.-ро тасдиқ менамоям:
сардори РК ва КМ-и ДДК ба номи
А.Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail: info@kgu.tj